## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна дар мавзуи "Вижагиҳои сохторию маъноии "Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ"-и А.В.Старчевский" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ). – Душанбе, 2024. – 183 с.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар баробари афзалиятнок будани таҳияи луғатҳои тафсирӣ фарҳангҳои тарҷумавию соҳавӣ низ мақоми ба худ хосса доранд ва фарҳанги таҳқиқнамудаи диссертант яке аз онҳо ба ҳисоб меравад. Маълум гардид, ки ин фарҳанг «Словарь таджикского языка на русский» ном дошта, дар таркиби луғати бисёрзабона «Спутник русского человека в Средней Азии» интишор ёфтааст ва вижагии хидматӣ дорад. Луғати мазкурро яке аз қомуснигорони моҳири Россияи подшоҳӣ Адалберт Викентевич Старчевский таҳия намуда бошад ҳам, ҳатто дар забоншиносии рус ба ҷуз чанд маълумоти энсиклопедӣ оид ба он чизе гуфта нашудааст ва то таҳқиқоти мазкур он асрори нуҳуфта доштааст. Фарҳангномаи А. В. Старчевский фарогири воҳидҳои мухталифи даврони таълифи китоб буда, баррасии он мисли фарҳангҳои дигари тарҷумавию тафсирӣ аз ҳар ҷиҳат манфиатбахш мебошад. Забоншиноси тоҷик Т. С. Шокиров соли 2016 дар захираи Китобхонаи давлатии Россия (Москва) онро дарёфт намуда, мақолае таҳти унвони «Вижагиҳои як луғати фаромӯшшуда» роҷеъ ба вижагиҳои фарҳангнигорӣ, сохторӣ ва маъноии ин фарҳанг маълумоти мухтасар дода, онро нахустин фарҳанги тоҷикӣ-русӣ қаламдод кардааст.

Диссертатсияи илмии Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна дар мавзуи «**Вижагиҳои сохторию маъноии «Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ»-и А.В. Старчевский**» кори баитмомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки фарҳангнигории тоҷик дорои таърихи ғание буда, ҳамчун як бахши муҳимми тамаддуни фарҳанги миллати мо инъикосгари заковату дониши баланди гузаштагон мебошад. Фарҳангнигорӣ чун илми мустақил асрҳои тулонӣ рӯи кор омадааст ва таркиби луғавии забони моро дар даврахои гуногун ба маърази таҳлил ва тасвир қарор додааст.

Фарҳангнигорӣ дар забоншиносии тоҷик то ҷое рушд намудааст. Фарҳанги мавриди таҳқиқ бошад, бо тарҷума рабт дошта, дар таркиби луғати бисёрзабона ҷой дода шудааст. Бояд зикр намуд, ки фарҳанги номбурда, бо супориши Кумитаи таълимоти ҳарбии Сарситоди Вазорати

ҳарбии Империяи Россия, дар шаҳри Санкт-Петербург интишор ёфта, вижагии хидматӣ дорад. Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки бо вуҷуди ба риштаи таҳқиқ кашида шудани масъалаҳои фарҳангнигории тоҷик то мавриди пажуҳиши ин фарҳанг дар забоншиносии тоҷик танҳо баъзе ишораҳо дар доираи мақолаҳои Т.С. Шокиров ба назар расидаанду бас. Гарчанде А.В. Старчевский зиёда аз 20 луғати тарҷумавӣ таҳия кардааст ва онҳо аз дузабона то садзабона мебошанд, вале фарҳангҳои тарҷумавии ӯ дар фарҳангҳои дигари тоҷикӣ номбар нашудаанд. Дар фарҳанги худ чун фарҳанги алоҳида мавриди тарҷума қарор додани калимаҳои тоҷикӣ аз ҷониби А. В. Старчевский аз мақоми муайян доштани забони тоҷикӣ дар фазои Россияи подшоҳӣ шаҳодат медиҳад. Мубрам будани мавзуи мавриди таҳқиқ низ аз ҳамин ҷо муайян мегардад.

**Дараҷаи навоварии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада** дар он зоҳир мегардад, ки фарҳанги мавриди таҳқиқ бори аввал ба таври расмӣ ва кори диссертатсионӣ муаррифӣ шуда, вижагиҳои лексикографии он аз диди имрӯз ва муқоиса бо таносуби фарҳангнигории замони асар таҳлил карда шудааст. Вижагиҳои сохторию маъноии моддаҳои луғавии фарҳанг бори аввал мавриди таҳқиқи маҷмуавӣ қарор дода шудааст. Инчунин вижагиҳои очерки грамматикии фарҳанг оид ба забони тоҷикӣ вобаста ба забони муосири тоҷикӣ таҳқиқ карда шуда, дар диссертатсия оид ба ҷанбаҳои макросохториву микросохтории асар маълумоти нав манзур гардидааст. Моддаҳои луғавии асар аз лиҳози мансубияташон ба соҳаву замон тасниф, аз лиҳози доираи истеъмолашон интихоб, таҳлил ва баррасӣ шудаанд. Мақоми забони тоҷикӣ дар байни забонҳои дигари фарогири луғатҳои мураттиб, ҷойгоҳи фарҳанги мавриди назар дар рушди фарҳангнигории тоҷикӣ муайян ва саҳми А. В. Старчевский дар рушди фарҳангнигории тарҷумавии русӣ ва тоҷикӣ нишон дода шудааст.

Нуктаҳои муҳимми ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз ҷониби Ахмедҷонова М.А. дар 9 банд ҷой дода шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсионӣ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз фарқи маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назариявӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқи муайян пеш аз ҳама, дар бунёди таркиби луғавии асар, гурӯҳҳои маъноӣ, воҳидҳои луғавии соҳавӣ; муқаррарсозии вижагиҳои онҳо аз лиҳози пайдоиш ва истилоҳшавӣ, инчунин, дар истифодаи усулҳои пешқадами забоншиносии

муосир зоҳир мегардад. Ба ҳамин асос, баҳри пажуҳиши хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти соҳаҳои фарогири фарҳанг, таҳқиқот ба тарзи бештар тасвирию муқоисавӣ, луғавию маънoии маводи асар сурат мегирад; андешаҳои назарию хулосавӣ бар мабнои натиҷагирӣ ва татбиқи воқеии онҳо метавонад зимни таълими забони тоҷикӣ дар курси аввали ихтисосҳои филологӣ ва ғайрифилологӣ ба роҳ монда шавад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти назарии мавзуи диссертатсияи номзадии Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна дар он зоҳир мешавад, ки ӯ маводи фарҳанги мавриди назарро бо татбиқи назарӣ баррасӣ мекунад. Диссертатсияи мазкур ба таҳқиқу пажуҳиши назарӣ ва амалии яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ, фарҳангшиносӣ ва истилоҳшиносӣ оид аст. Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқ бадастовардаи рисола метавонад дар омӯзиши масъалаҳои фарҳангшиносӣ, вожашиносӣ ва решашиносӣ ҳадафманд мавриди истифода қарор гирифта, фарҳанги мазкур, бавижа барои ошноӣ бо таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар асри XIX муфид мебошад, чунки дар луғат шумораи зиёди калимаҳое шомиланд, ки дар сарчашмаҳои дигар ба назар намерасанд, ё ба маънои дигар тафсиру тарҷума шудаанд. Маводи рисолаи мазкурро ба ҷуз забоншиносон, инчунин, коршиносони таърих, ҷуғрофия, сиёсатшиносӣ, иҷтимоъшиносӣ, роҳбаладони сафарҳо дар фаъолияти кории худ ҳамчун дастури соҳавӣ мавриди корбарӣ қарор дода метавонанд, зеро вожаву истилоҳоти самтҳои мазкур ҳаматарафа таҳлил шудаанд. Ҳамчунин, устодони риштаи забоншиносии муассисаҳои таҳқиқотӣ ва таълимӣ метавонанд хулосаҳои пажуҳишро мавриди истифодаи худ қарор диҳанд.

**Қисматҳои асосии таҳқиқ.** Диссертатсияи Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна дар мавзуи “Вижагиҳои сохторию маънoии “Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ” - и А.В.Старчевский” аз муқаддима, се бобу 11 фасл ва 9 зерфасл, хулосаҳо, тавсияҳо, феҳристи адабиёт иборат буда, аз 183 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад.

Дар диссертатсияи илмӣ шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳият дар нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурмуҳтавои илмӣ ва натиҷаҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд. Дар муқаддимаи он мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуи илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объекти таҳқиқ, мавзу(предмет)-и таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, методҳои таҳқиқ, сарчашмаи таҳқиқ, навоварии илмии таҳқиқ, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, нашри таълифоти илмӣ дар

мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия **“А.В.Старчевский ва фаъолияти фарҳангнигории ӯ”** унвон дошта, аз чор фаслу 6 зерфасл иборат мебошад. Дар фаслҳои ин боб масъалаҳои фарҳангнигории тоҷикӣ-русӣ ва таърихи он, А.В.Старчевский ва фаъолияти эҷодии ӯ, А.В. Старчевский – фарҳангнигор, А.В.Старчевский ва мақоми “Ҳамсафари намояндаи рус дар Осиёи миёна” дар байни фарҳангҳои дигари ӯ баррасӣ гардида, фасли чорум ба шаш зерфасли алоҳида ҷудо шуда, сохтори фарҳанги номбаршуда, маълумоти грамматикӣ оид ба забонҳои фарогири луғатҳо, фарҳангҳои алоҳидаи дохили асар, ки бо забонҳои туркӣ-русӣ, қирғизӣ (қазоқӣ)-русӣ, тоторӣ-русӣ ва сартӣ-русӣ навишта шудаанд, таҳлили илмӣ намудааст.

Дар доираи боби дуюми диссертатсия, ки **“Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и А.В.Старчевский ва вижагиҳои сохтории он”** унвон дорад, аслан ба ду масъалаи асосӣ-сохтори фарҳангнигории он ва сохтори сарфии моддаҳои луғавии ин фарҳанг равшанӣ андохтани диссертант мушоҳида шуд, ки фасли дуюмро муаллиф ба се зерфасл ҷудо намудааст. Дар зерфасли аввал Ахмедҷонова М. А. калимаҳои сохтаи пешвандӣ **(бадӑвлэть** (ба+давлат-благоденствующій, т.е. эмир, Фарҳанг, 693), **бӑръ гезӑштӑ** (бар+гузашта–прошлый разъ, 697), зерфасли дуюм калимаҳои сохтаи пасвандӣ, ки дар ташаккули ин қолаби калимасозӣ пешвандҳои **бар-, во-, дар-, на-** ва пасванди **-ан** иштирок кардаанд: **бӑрзадӑнъ** (бар+зад+ан–поднять, унести, 696); **дӑргюзӑштӑнъ** (дар+гузашт+ан-проехать, обогнать, миновать, 712); **нэчиндӑнъ** (на+чинд+ан-не чистить, 754) ва зерфасли сеюм калимаҳои мураккаб ва усули корбасти онҳоро дар фарҳанг (**кюhпюшть** (кухпушт-горбатый, 736); **Сэрчэшмэ** (сарчашма, 771); **Асия+ханэ** (осиёхона, 691); **Курганъ тюбе** (қӯрғонтеппа, 735)., **Дарсханэ** (дарсхона, 713), **Кутюб-ханэ** (китобхона, 737), **Миhманъ-ханэ** (меҳмонхона, 742) таҳлилу баррасӣ менамояд.

Боби сеюми диссертатсия бо унвони **“Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и А.В.Старчевский ва вижагиҳои маънои он”** мафҳумҳои умумӣ ва иҷтимоӣ, вожаҳои ифодагари касбу кор ва масолеҳи онҳо, номҳои ченаки ҳаҷму вазн, андоза ва шумора, калимаҳои ифодагари номҳои маъмуриву ҳуқуқӣ ва ҳарбӣ, калимаҳои ифодагари набототу ҷонварон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Диссертант дар натиҷаи ҷустуҷӯ ва пажуҳиши ба итмомрасидаи худ тавонистааст, ки умуман доир ба фарҳангнигорӣ, фарҳангнигории тоҷик, фаъолияти эҷодии А.В.Старчевский ва яке аз асарҳои дорои арзиши

илмии маълумоти муфиди дорои аҳаммияти амаливу назариро пешниҳод намояд, “Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и ӯро бо назари интиқодӣ омӯзад ва на танҳо маводи дорои хусусияти маълумотдиҳӣ, балки гоҳо аз камбудиву норасоиҳо, номувофиқ будани баъзе ҷиҳатҳои меъёрии он, хусусиятҳои сабти вожаҳо дар фарҳанг андешаҳои ҷолиброрӯйи қоғаз оварад.

Хулосаи диссертатсияи Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна таҳти унвони **“Вижагиҳои маъноии “Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и И.А. Старчевский”** фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф мебошад, ки дар се саҳифа ҷой дода шуда, аз 12 банд иборат аст. Инчунин 6 банд дар бахши тавсияҳо ба назар расид, ки дар маҷмуъ муҳиммияти мавзуъ ва корбурди натиҷаҳои онҳо дар раванди таълиму таҳқиқ оварда шудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯйи 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия дар мавзуи «Вижагиҳои сохторию маъноии «Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ»-и А.В. Старчевский – барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар диссертатсия тарҷумаи номи асару вожаҳои алоҳида, ё гунаи дурусту мавриди истеъмоли калимаҳои фарҳанги А.В.Старчевский дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар қавсайн оварда мешавад, вале баъзан дар саҳифаҳои алоҳида ( саҳ. 8, 42-43, 79) ин амал ба мушоҳида намерасад.

2. Қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуъ оид ба "Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ"-и А.В.Старчевский дар саҳифаҳои 5 то 12 ҷой дода шудааст, ки танҳо дар сархати аввал ва охири ин қисмат оид ба дараҷаи омӯзиши фарҳанг сухан рафтааст.
3. Хуб мешуд, агар диссертант дар баъзе ҳолатҳо вожаву истилоҳоти забони тоҷикии луғатӣ (55, 84) ва забони ғайри акнор (47), лисонӣ (83), муҷаллад, сониян-ро бо гунаи маъмулӣ ба кор мебурд. Инчунин тарҷумаи тоҷикии калимаҳои бегонаи предмет (с. 110), оригиналӣ (с. 128) ва система (с.139) –ро истифода мекард.
4. Диссертант дар таснифи пасвандҳо (с. 108, 120-121) ба иштибоҳ роҳ додааст.
5. Дар диссертатсия қайд мегардад, ки баъзе вожаҳо нодуруст сабт шудаанд, ки яке аз чунин калимаҳо "бобунаҷ" мебошад (саҳ.154). Калимаи тоҷикии "бобуна" дар забони арабӣ дар шакли "бобунаҷ" ба кор рафтааст, ки дар диссертатсияи Тураев Абунаср маълумоти муфассалро ёфтан мумкин буд. Хуб мешуд, агар диссертант ба он ишора менамуд, ки ин ба манфиати кор мешуд. Шояд дар Бухоро ба ин тарз истифода шудани вожаи "бобунаҷ" бо таъсири забони арабӣ алоқаманд бошад. Вожаҳои мураккабро аз рӯйи мансубият ба ҳиссаҳои нутқ ба исму сифат ва сифату исм ҷудо намудани диссертант ба назар расид, аммо на решаи аввал ва на решаи дуюми калимаҳои **бандҷома, даҳаоқсақол, мирбача, мироб, миршаб, парирӯй, сангпушт** ба сифат мансуб буда наметавонанд.Танҳо калимаи **парирӯй** аз зумраи сифатҳои мураккабест, ки аз ду исм ба миён омадааст. Инчунин дар мисолҳои ҳамин қисмат калимаи **болохона** оварда шудааст, ки ҷузъи аввали он **"боло"** на исм, балки зарф мебошад ва калимаи **давлатманд** аз ҷиҳати сохт мураккаб не, балки сохта мебошад.
6. Дар кор баъзе хатоҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ ба назар мерасад (23, 48, 92, 127 ва ғ.).

Ба таври умум, эродҳои зикршудаислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна ҳусни бештар зам менамоянд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Диссертатсия бо услуби илмӣ таҳия шуда, дар он пайдарпайии қисматҳо риоя гардидаанд. Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, кори анҷомёфтаи диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Ахмедҷонова Мушараф

Абдурасуловна дар мавзуи «Вижагиҳои сохторию маънонии “Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и А.В.Старчевский» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 ба тасвиб расидааст (бо ҳисоби тағйиротҳо аз санаи 26.06.2023 сол), ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва
рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Усмонова Мунаввара Холиқовна

“Имзои Усмонова Мунаввара Холиқовнаро тасдиқ мекунам”.
Сардори Раёсати кадр ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи
Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Ҳисорӣ 19/2,
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода.
**Тел.**: +992 555579119
**E-mail**: munavvarakhalikovna@mail.ru
**Сомона**: www.ddzt.tj

“28”августи соли 2024